«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
номзади илмҳои физика – математика,
дотсент Наҷмиддиниён А.М.
_________ 05 сентябри соли 2023

ХУЛОСАИ

шуъбаи педагогика психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯйи ҳамин муассиса Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи "Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03-Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар шуъбаи педагогика психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст. Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, Қаюмова Х.

Мавзуи диссертатсияи Акмалова М.А. мубрам ва дархури тақозои замони муосир буда, ба таври мақсаднок ва босифату самарабахш ба роҳ мондани ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон арзёбӣ мешавад.

Хеле баҷо дар диссертасия таъкид шудааст, ки ҳадафи асосии зарурияту аҳамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши он, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқот муайян гардидааст. Инчунин, маълумот дар бораи марҳилаҳои таҳқиқот, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои он оварда шуда,

нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот мушаххас гардида, сохтору ҳаҷми рисола нишон дода шудааast.

Дар боби якуми рисола - “Масъалаҳои назариявӣ ва методологии роҳнамоии касбии хонандагон”- роҷеъ ба асосҳои илмию педагогии раванди ташкили тарбияи меҳнатии хонандагон ҳамчун самти асосии роҳнамоии касбӣ сухан рафта, моҳият ва хусусиятҳои ҳамкориҳои оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ин раванд ва роҳҳои самарабахши имконпазири ташкили он, омӯзиш ва таҳлили таълифоту таҳқиқоти илмӣ вобаста ба мавзуъ ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар боби мазкур дар асоси таҳлили манбаъҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҷрибаи илмию педагогӣ равшан карда шудааст, ки ба роҳ мондани тарбияи роҳнамоии касбинтихобкунии наврасону ҷавонон маҳз тавассути фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир, ки ба шахсияти ҷисман солим, рӯҳан қавӣ, ниёз дорад, бо дарназардошти махсусиятҳои синнусолии хонандагон барои интихоби касб натиҷаҳои самарабахш хоҳад дод.

Боби дуюми рисола корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба самтҳои асосии фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон дар бар гирифта, унсурҳои асосии таъсиррасони низоми тамоилҳои касбии хонандагон, ки сифатҳои арзишманди шахсияти онҳоро ифода мекунанд, муайян карда шуданд.

Муҳаққиқ бо дарназардошт ин вазифаҳои таҳқиқотро хеле дурусту нишонрас муайян карда, асосҳои илмию педагогии раванди ташкили тарбияи меҳнатии хонандагон ҳамчун самти асосии роҳнамоии касбӣ сухан рафта, моҳият ва хусусиятҳои ҳамкориҳои оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ин раванд ва роҳҳои самарабахши имконпазири ташкили он, омӯзиш ва таҳлили таълифоту таҳқиқоти илмӣ вобаста ба мавзуъ ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода пешниҳодҳои муфид кардааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи диссертатсия амсилаи муассиру дар асоси озмоиш санҷидашударо пешниҳод менамояд, ки арзишҳои миллию умумибашарӣ; -ошно намудани

ҷавонону наврасон ба фарҳанги миллати худ ва дигар халқҳои ҷаҳон; -дар замири хонандагон тарбия намудани ҳисси сарфаю сариштакорӣ ва мувофиқи мақсад истифода бурдани неъматҳои моддӣ; -бедор намудани ҳисси масъулияти ҷавонону наврасон нисбати маърифати экологӣ, ҳаёти солим, ҳифзи муҳити зист ва иштироки фаъолонаи онҳо дар афзоиши сарватҳои моддию маънавӣ мебошанд.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионии бадастомадаи унвонҷуй хулосаҳои зерин пешниҳод мекунад:

1. Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсиони нишон медиҳад, агар ҳангоми кори муштараки оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ махсусиятҳои синнусолии хонандагон ба назар гирифта шавад, ин ба рушди ҷисмонӣ, ва қобилияти корӣ ва тоқатпазирии организми онҳо мусоидат мекунад. Кори ҷисмонӣ, ки навбат ба навбат бо дарсҳои омӯзишӣ мегузарад, ба инкишофи фикрии хонандагон таъсири хуб мерасонад, ҷараёни омӯзиши дарсҳоро осон мекунад, донишҳо, малакаву маҳоратро ташаккул дода, дар раванди фаъолияти меҳнатӣ тафаккури техникӣ, амалӣ, эҳтимолии хонандагон рушд мекунад, дар онҳо салоҳиятҳои боинтизомӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, интихоби дурусти касб, мутобиқат ба шароити меҳнатӣ ва фаъолияти дурударози касбӣ-меҳнатӣ ташаккул меёбанд.

2. Аз таҳлили адабиёти илмӣ-амалӣ ва психологӣ-педагогӣ дар раванди ҷустуҷӯии таҷрибаи дарси меҳнат ва раҳнамоии касбӣ бо даъвати волидон ба хулосае омадан мумкин, ки раванди корҳои омӯзишӣ-тарбиявӣ вақти зиёди хаонандагонро мегирад ва таъсири зиёде ба ташаккули сифатҳои ахлоқиву меҳнатӣ, ба хоса, меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми худ, мерасонад ва таҳкурсӣ барои гузариш ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, пайвандгари омӯзиш ва меҳнати истеҳсолӣ мешавад.

3. Дар раванди корҳои озмоишӣ ва таҷрибаҳои ҷустуҷӯйи шахсият вобаста ба дараҷа ва маҷмӯйи хислатҳо 4-гурӯҳи хонандагонро бо сатҳи зерини тамоили касбӣ ҷудо намудем: а) гурӯҳ бо сатҳи баланд; б) гурӯҳ бо сатҳи миёна; в) гурӯҳ бо сатҳи паст; г) гурӯҳи тамоилаш ташаккулнаёфта.

Дар замимаи ин таснифот бо мақсади ташаккули омодагиҳои психологии хонандагон дар роҳнамоии касбии онҳо чунин тавсия дода шуд:

Ба гурӯҳи якум минбаъд ба инкишоф ва такмили худогоҳӣ, ангезаҳои ҷамъиятиву арзишӣ, қобилиятҳо, ташаккули малакаву маҳорати худкасбинтихобкунии онҳо мусоидат карда шавад.

Дар гурӯҳи дуюм ангезаҳои ҷамъиятиву арзишӣ ва ғоявӣ, муносибати мусбат ба меҳнат ва касбҳои умумӣ, ташаккули худбаҳодиҳӣ, муносибати дастҷамъона ба меҳнат, ҷамъият, таваҷҷуҳ ба касбҳое, ки ба тамоили фардӣ ва имкониятҳо мутобиқанд, инкишоф дода шаванд.

Барои гурӯҳи сеюм ангезаҳои ғоявии барои ҷомеа ва шахс арзишманд, муносибати корӣ ба меҳнат ва ҷомеа, талабот дар арзёбии имкониятҳои худ, хусусиятҳои сифативу шуморавии ҷаҳонбинии касбӣ, устуворӣ дар татбиқи нақшаҳои касбӣ рушд дода шаванд.

Барои гурӯҳи чорум майлу рағбат, тамоил ва қобилиятҳояшон ошкор карда ашванд,тамоили касбӣ, майл ба фаъолияти касбӣ-меҳнатӣ, талабот дар интихоби касб, ҷалб ба намудҳои гуногуни фаъолият, нақшаҳои ҳаётӣ, ҳадафнокӣ ва фаъолиятнокӣ инкишоф дода шавад.

Ташкили кори волидон ва омӯзгорон дар роҳнамоии касбии хонандагон тибқи самтҳои дар боло нишондодашуда ба хонандагон дар тамоили касбии онҳо ва интихоби роҳи ҳаётӣ ва меҳнатӣ ёрии амалӣ мерасонад.

4. Дар раванди ҷустуҷӯ ва ташкили корҳои озмоишӣ амсилаи фаъолияти раҳнамоии касбии хонандагон зимни таъсири оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ ҷиҳати ташаккули тамоили касбии хонандагон таҳия шуд, ки аз инҳо иборат аст:

1.Муайян намудани системаи асосии ташаккулёбии унсурҳо.

2.Муайян намудани вазифаҳои ҳар унсур (бо раҳнамоии умумӣ ба тамоили касбӣ).

3. Ба роҳ мондани робитаҳо байни унсурҳо, яъне ташкили низоми унсурҳои ташаккулёбанда: а) омӯзишҳои касбӣ; б)таблиғоти касбӣ; в) машварати касбӣ; г) интихоби касб;д) мутобиқсозии касбӣ; е) таҳсилоти

касбӣ; ж) тарбияи касбӣ; з) мутобиқшавии иҷтимоӣ-касбӣ; и) омӯзиши шахсияти хонанда бо мақсади раҳнамоии касбӣ.

Унсурҳои низоми омодасозии хонандагон барои фаъолиятҳои феълӣ, ки мо нишон додем, бояд муҳимтарин хусусиятҳои шахсиятии як шахси нави серҳаракат ва ҷӯёро дар тамоили касбӣ ташкил диҳад.

5. Роҳу василаҳои мувофиқи фаъолияти оила ва мактаб дар мавриди тамоили касбии хонандагон таҳлил шуд, ки гувоҳи ин натиҷаи таҳқиқот мебошад. Барои дарки тамоили касбии шахсият муҳим аст, ки на танҳо сохтори онро донем, балки он чизеро, ки мо одатан хусусияти психологӣ ё шаклҳои равонӣ меномем, низ дониста шавад. Чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, маҳз дар тамоили шахсият талошҳо, алоқаҳо, ормонҳо, тамоми сарвати зиндагии ботиниву зоҳирии ҳаёти инсон кушода мешавад. Вазифаҳое ҳам ошкор карда шудаанд, ки ба тамоили касбӣ мусоидат мекунанд: ин ташкили кори мустақилонаи хонандагон ва мушоҳида ба омӯзиши объектҳо, равандҳои гуногуни кор дар устохонаи мактаб ва ҳангоми сайёҳат дар ташкилоти сарпараст. Дар ҷараёни сайёҳат дар ҳолате метавон комёбӣ ба даст овард, ки агар мавриди ташкили ин сайругашт бо хонандагон пурсишҳо гузаронида шаванд.

Дар самти роҳнамоии касбӣ гузаронидани суҳбат низ аҳамияти хос дорад. Тибқи таҷриба суҳбатҳое, ки ба маърифати хонандагон мусоидат мекунанд, бояд ҷавобгӯйи талаботи зерин бошанд:

1. Ҳадафи аслии суҳбатҳо, пеш аз ҳама, бояд ба шинос намудани хонандагон ба соҳаву самтҳои кори зеҳнӣ ва шиносоӣ ба касбу ихтисос бошад.

2. Суҳбат дар бораи ин ё он самти меҳнат ва касби он, ихтисосҳо бояд дақиқ, мушаххас, илмӣ ва дастрас бошад.

3. Гузашта аз ин, суҳбат бояд озод, пурмуҳтаво бо истифода аз матлаби мушаххас сурат бигирад.

**6.** Натиҷаҳои аз озмоишҳо ҳосилшуда нишон медиҳанд, ки ҳамкории мутақобили волидайн ва омӯзгоронон дар роҳнамоии касбии довтлабони оянда вобастагии зиёде дорад. Робитаҳо байни донишомӯзони муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзгорон ва волидайн дар раванди фаъолиятҳои омӯзишӣ ангезае барои пешрафти тамоили касбӣ нест. Онро метавон ҳамчун омили ангезаи иҷтимоии рафтори хонандагон баррасӣ кард. Аммо, азбаски тамоюли касбӣ ба таври ҷудогона, берун аз таъсири шароити фаъолият рушд намекунад, муносибатҳои иштирокчиёни раванди таълим нақши ҳавасмандкунанда дар ташаккули самти касбии шахсияти донишҷӯён доранд.

**7.** Мо бо ҳамроҳии омӯзгорон чунин шакл ва усулҳоро дар ташкили ҷараёни таълим муайян кардем, ки ба ташаккул ва рушди на танҳо дониш ва малакаҳои зарурӣ, балки дар самти касбӣ низ мусоидат кардааст. Унсурҳои асосии ин шакл ва усулҳо вобаста аз теъдоди донишҷӯён-оммавӣ, гурӯҳӣ, маҳфилӣ, инфиродӣ буданд. Дарсҳои оммавии роҳнамоии касбиро дарсҳои омӯзишии меҳнат, конфронсҳо, мубоҳисаҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра ташкил мекарданд. Дарсҳои гурӯҳӣ дар шакли  суҳбатҳо, саёҳатҳо, машғулиятҳо дар гурӯҳҳо ва маҳфилҳо аз рӯйи майлу шавқ ва ғайра сурат мегирифтанд. Дарсҳои ҷудогона машғулиятҳо ва кор бо хонандагони синфҳои болоӣ дар гурӯҳҳо ва синфҳоро дар бар мегирифтанд.

**8.** Мо дарёфтем, ки барномаи кори мактаб дар ташаккули самти устувори касбӣ аҳамияти хос дорад, зеро он як ҷузъи ҷудонашавандаи кори тарбиявӣ мебошад. Ин нақша бояд ба усулҳое чун: илмӣ, пайдарпай, систематикӣ, барномарезии дурнамо ва феълӣ бо барномаҳои бутунӣ, воқеъӣ, эҷодӣ ҳамроҳ бошад. Самаранокии он дар ҳоле ба даст хоҳад омад, ки агар он дар марҳилаҳои зерини ба ҳам алоқаманд сурат бигирад:

-тарҳрезӣ-таҳлили ҷамъбастӣ ва ҳамаҷониба аз вазъи тамоюли касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муайян кардани сатҳ ва вазифаҳои бадастомада барои беҳбуди фаъолиятҳои ҳамаи унсурҳо, иҷрои ҳамаҷонибаи барнома барои соли таҳсили оянда; иҷрои дастурамалҳои аслӣ, муайян кардани ҳадафҳо, маҷмуаҳо ва ҳамчунин роҳҳои татбиқи онҳо;

- таҳияи чорабиниҳои мушаххасе, ки имкон бидиҳанд вазифаҳои дар миёнгузошташуда татбиқ гарданд, муайян намудани мӯҳлатҳои мушаххаси

гузаронидани чорабиниҳо ва таъин намудани масъулон ҷиҳати иҷрои онҳо;

- ворид намудани тағйирот ва тавзеҳот дар ташкили кор барои иҷрои нақша.

9. Ошкор карда шуд, ки волидон дар интихоби роҳи ҳаётии фарзандонашон бахуссус, дар интихоби касб нақши муҳим доранд. Онҳо хостаҳо ва орзуҳои фарзандони худро беҳтар медонанд, дар интихоби касб ба онҳо ба таври ҷиддӣ кумак расонида метавонанд, бо истифода аз таҷрибаи зиндагонии худашон талош мекунанд онҳоро аз иштибоҳҳо ва ноумедиҳои эҳтимолӣ муҳофизат кунанд. Вале, ҳолатҳое мушоҳида гардиданд, ки волидайн моил ба кумак ба фарзандони худ дар интихоби касб ҳастанд, вале ҳамеша ба анҷоми ин кор қодир нестанд ва тавсияҳои онҳо аз сабаби ноогоҳиашон на ҳамеша самарабахш буданд.

Касбе, ки донишомӯз бо тавсияи волидайн, бидуни майлу хоҳиши худ интихоб менамояд, аксар вақт баъди ба камол расидан аз он руҳафтода мешавад ва касбашро ба касби дигар иваз мекунад. Бинобар ин, муассисаи таълимӣ бояд тамоми саъйу кушишро ба харҷ диҳад, то ин ки волидайн бо дарки масъулият дар роҳнамоии интихоби касбии фарзандашон дуруст амал кунанд.

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мавриди роҳнаммоии касбӣ бояд бо хонандагон тибқи самтҳои зерин кор барад:

1.Фарогирии васеи волидон бо тарғиботи педагогӣ оид ба роҳнамоии касб тавассути ҷаласаҳои волидайн, лексияҳо, конфронсҳо, семинарҳо,сухбату вохӯриҳо ва дигар шаклҳои кор.

2.Ҷалби ҳадди аксари волидон дар кӯмак ба муассисаи таълимӣ дар роҳнамоии касбии хонандагон мувофиқи тамоили касбӣ (суҳбатҳо, лексияҳо, экскурсияҳо). Шаклҳо ва усулҳои кор бо волидон метавонанд гуногунранг бошанд.

Ҳамин тариқ, мо даъво надорем, ки як таҳқиқоти мукаммале дар ин ҷода анҷом дода шуд ва танҳо кӯшиш мекунем, ки самтҳои имконпазири рушди минбаъдаи ин ҷанбаи муҳими роҳнамоии касбии хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар шароити ҳамкориҳои оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ қайд намоем:

1. Барои ташаккули роҳнамоии касбӣ, ошкорсозии самтҳои иртиботӣ ва имкониятҳои фаъолияти касбӣ лозим аст, ки як барномаи мақсадноки давлатӣ дар самти роҳнамоии касбии муштараки хонандагон аз ҷониби хонавода, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ коркард ва қабул гардад.

2. Бо назардошти имконоти мавҷуда ҷалби падару модарон, ҷомеа ва омӯзгорон ба тамоили касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муҳим буда, иштироки онҳо дар чунин чорабиниҳо, аз қабили соатҳои тарбиявӣ, сайёҳатҳо, озмунҳо оид ба интихоби касб, конфронсҳои илмӣ, семинар ва ғайра шарт ва зарур дониста мешавад.

3. Фаъолияти кумитаи падару модарон ва ҷомеаи муосир бо дарназардошти самти касбӣ ва муҳити зист ба фаро гирифтани хонандагон ба фаъолияти корӣ нигаронида шуда, ташкили шароитҳои ҷойҳои корӣ, бахусус дар деҳот, ба фаъолияти касбӣ ва роҳнамоии касбии наврасон мусоидат намояд.

4. Фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, волидон ва ҷомеа тавассути баргузории семинарҳои омӯзишӣ дар самти роҳнамоии касбии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд тавсеа дода шавад.

5. Ба таври мунтазам тавассути васоити ахбори омма, телевизиону радио, шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталу сомонаҳои интернетӣ ташкил намудани пахши барномаҳо бо ширкати мутахассисони касбу ҳунарҳои мухталиф оид ба масъалаҳои тамоюли касбӣ ба хонандагон дар интихоби бошууронаи касб мусоидат мекунанд.

6. Зарур аст, ки оид ба самти роҳнамоии касбии хонандагон тавсияҳои методӣ, дастурҳои таълимӣ, нақшаи фаъолияти волидайн, ҷомеа ва омӯзгорон таҳия ва барои истифода пешниҳод шаванд.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишӣ илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон батабърасидаи унвонҷуй мухтавои асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

1. Акмалова М.А. Каюмова Х.Т., Состояние и пути совершенствования системы профессионального образования Акмалова М.А. /Х.Т.Каюмова [Текст] //Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2018. –№5. – С. 255-259. ISSN 2074-184

2. Акмалова М.А. Хусусиятхои вазъи оила ва мактаб дар самти пешбурди фаъолияти касбии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми / М.А. Акмалова [Текст] // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени НосираХусрава (научный журнал).– Бохтар. –2018.– 1-1(51). – С.105-111.ISSN 2309-6764.

3. Акмалова М.А. Особенности семейной и школьной ситуации в педагогической деятельности учащихся средних общеобразовательных учебных заведений / М.А. Акмалова.[Текст] // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени НосираХусрава (научный журнал).– Бохтар. –2018.– 1-1(51). – С.105-111.ISSN 2309-6764.

4. Акмалова М.А. Роҳнамоии касбӣ –асоси тарбия зимни фаъолияти якҷояи оила ва муассисаи таълимӣ дар тамоилҳои касбомӯзии хонандагон ./ М.А Акмалова [Текст] Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф . – Душанбе. – 2019.– №4.(28)– С.130-133. ISSN 2617-5620.

5. Акмалова М.А. Баъзе роҳҳои такмил ва рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Акмалова [Текст] // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2018. –№9. – С. 223-228. ISSN 2074-1847

6. Акмалова М.А. Ташкили фаъолияти муассисаи таълимӣ, хонавода ва ва ҷомеаи муосир дар тарбияи роҳнамоии касбии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ / М.А. Акмалова [Текст] // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе. – 2021. –№1(33). – С. 20-28. ISSN 2617-5320

7. Акмалова М.А. Кори фоиданоки ҷамъиятӣ – асоси тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти роҳномаии

касбӣ / М.А. Акмалова. [Текст] // Номаи Донишгоҳ Учёные Замписки. – Хуҷанд. – 2021. №2 (67). – С. 167 – 175. ISSN 2077 – 4990

**Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ва маводи конференсияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

8. Акмалова М.А. Роҳнамоии касбӣ зимни фаъолияти якҷояи оила ва муассисаи таълимӣ дар тамоилҳои касбомӯзии хонандагон. / Маҷмуаи мақолаҳои конфронсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи илми тоҷик / - Гулистон, 2020. - С. 45-47.

**9.** Акмалова М.А. Технологияи муосири роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон зимни ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа. / Коференсияи байналмилалӣ: “Таъмини баробарҳуқуқӣ кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷомеа”/ - Душанбе – 2023. – С.326 – 332.

Довталаб дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳаллу фасли мақсади таҳқиқот ноил шуда, дуруст будани фарзияи пешниҳодкардаи муҳаққиқ тасдиқи худро ёфтааст.

Бо дарназардошти натиҷаҳои баррасӣ ва пешниҳоду тавсияҳои иштирокчиён ҷаласаи васеи шуъба

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03- Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгу аст.

3. Диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар роҳнамоии касбии хонандагон”баъд азислоҳи камбудиву эродҳои баёншуда ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 05 сентябри соли 2023, протоколи №08 баррасӣ ва қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 8 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 8 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Иматзода Л.М.

Котиби ҷаласа, ходими илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Ҳасанзода Ю. Ю.

*Имзои Иматзода Л.М.ва Ҳасанзода Ю. Ю. тасдиқ менамоям.*

*Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ* *Ҳакимова Х.*

ШУЪБАИ КАДРҲО